ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН 1990

*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз*

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

28 январи соли 2023

№ 1-2 (170-171)

**…мо дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумат рушди бонизоми соҳаи маориф, мақому манзалати омӯзгор ва фароҳам овардани шароити мусоиду беҳтарро барои наврасону ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятнок дониста, барои рушди ин соҳаи муҳимми низоми иҷтимоӣ ҳамаи чораҳои заруриро роҳандозӣ карда истодаем.**

**Мақсад аз амалӣ сохтани тамоми иқдомот дар самти рушди илму маориф баланд бардоштани сатҳи саводноkиву маърифатнокии миллат, мунтазам беҳтар гардонидани сатҳу сифати таълим ва тарбияи кадрҳои ба талаботи замона ҷавобгӯй мебошад.**

**Фаромӯш набояд кард, ки пешрафти давлат ва ояндаи ободи Ватан аз сатҳи донишу маърифатнокии мардум вобастагии мустақим дорад.**

**Зеро бесаводӣ, ҷаҳолат ва хурофот ба инсон танҳо бадбахтӣ меоварад ва боиси ақибмонии ҷомеа ва касодии давлат мегардад.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

## МУВАФФАҚИЯТҲОРО БОЗ ҲАМ БЕШТАР ГАРДОНЕМ

**Дар маҷлиси тантанавии ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ки 27-уми декабри соли сипаригардида дар толори асосии донишгоҳ доир гардид, ҳисоботи ректори донишгоҳ Амонзода Илҳом Темур дар соли 2022 ва вазифаҳо барои соли 2023 шунида шуд.**

Аз ҷумла гуфта шуд, ки Донишгоҳи технологии Тоҷикистон фаъолияти худро дар асоси сиёсати маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарорҳои Ҳукумати мамлакат, супоришҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ намуда, дар соли 2022 ба дастовардҳои муайян ноил гардидааст.

Ҳайати омӯзгорону профессорони донишгоҳро дар маҷмӯъ 178 нафар ташкил медиҳад, ки аз ин миқдор 12 нафар доктори илм ва 100 нафар номзади илм мебошанд. Ҳиссаи омӯзгорони дорои дараҷа ва унвони илмидошта аз 46,7%-и соли 2021 ба 62,9 % расид, ки ин ба талаботи меъёрии МТОК пурра ҷавобгӯй мебошад.

Айни замон дар раванди таълим 898 адад компютер истифода бурда мешавад, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум 73 адад зиёд аст.

Дар раванди амалишавии Барномаи "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф", моҳи сентябри соли 2022 дар заминаи собиқ кафедраи физика, телекоммуникатсия ва фанҳои техникии донишгоҳ кафедраҳои "Физика ва фанҳои техникӣ" ва "Энергетика ва шабакаҳои телекоммуникатсия" таъсис дода шуд. Илова бар ин, Раёсати донишгоҳ бо дарназардошти "Солҳои рушди саноат" эълон гардидани солҳои 2022-2026 ба мазмун ва мундариҷаи нақшаҳаи таълимӣ ва барномаҳои таҳсилотӣ аҳаммияти хосса дода, таркибу мазмуни онҳоро аз рӯи 45 ихтисоси амалкунанда такмил дода, барои тасдиқ ба Вазорати маориф ва илми ҶТ пешниҳод намудааст. Дар барномаҳои таҳсилотӣ принсипҳои ба талаботи замон ҷавобгӯ будани онҳо, мувофиқати назария ва амалия, интихоби фанҳо бо дарназардошти рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳадафҳои стратегии кишвар, амалишавии рақамикунонии



бомароми иқтисоди миллӣ ва гузариши тадриҷӣ ба иқтисоди рақамӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар ба назар гирифта шудаанд.

Бо дарназардошти раванди рақамикунонии иқтисодиёти мамлакат, талаботи муосири бозори меҳнат ва таклифу пешниҳодҳои кордиҳандагон дар нимсолаи аввали соли 2022 донишгоҳ барои 2 ихтисоси нав: 1-40 03 01 – "Интеллекти сунъӣ" ва 1-25 01 08 05 – "Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар саноат" соҳиби иҷозатнома гардида, соли 2022 ба курси аввал донишҷӯ қабул намуд.

Қайд гардид, ки раёсати донишгоҳ бо мақсади ҷалби сармояи хориҷӣ ҷиҳати таҳкими пояи моддӣ-техникии донишгоҳ ҳамкории худро бо лоиҳаи «Маълумоти касбӣ ва такмили ихтисос дар Осиёи Марказӣ»-и Созмони ҳамкориҳои байналмилалии Олмон (GIZ) ҷоннок намуда, барои гузаронидани боз ду барномаи таҳсилотӣ аз аккредитатсияи байналмилалӣ ба Агентии мустақили рейтинг ва аккредитатсияи Ҷумҳурии Қазоқистон ( IAAR) дархост намуда, барои гузаронидани аккредитатсияи байналмилалӣ 20-уми декабри соли 2022 шартнома ба имзо расонидааст.

Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо кормандони соҳаи илму маорифи мамлакат 27-уми сентябри соли 2022 Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар рейтинги байналмилалӣ ширкат варзида, дар байни донишгоҳҳои Авру Осиё ҷойи ифтихориро ба даст овард ва ба чоргонаи донишгоҳҳои бонуфузи Авру Осиё шомил гашт. Донишгоҳ бо ҷоизаи бонуфузи "Ситораи сифат"-и рейтинги байналмилалии муассисаҳои таҳсилоти олӣ "Рейтинги донишгоҳҳои Авру Осиёи IAAR (IAAR-EUR) – 2022" сарфароз гардид.

Рейтинги IAAR ба баланд бардоштани рақобатпазирии хизматрасониҳои таълимӣ мусоидат намуда, огоҳии ҷомеаро дар бораи мутобиқати сифати таҳсилот ба талаботи бозори меҳнат таъмин менамояд ва хусусиятҳои рушди системаи маорифи Тоҷикистонро ба инобат мегирад.



Ректори донишгоҳ иброз дошт, ки дар соли таҳсили сипаригардида аз тарафи кормандони идораи таълим зиёда аз 1300 рейди назоратӣ гузаронида шуда, динамикаи давомот мавриди баррасии мунтазами раёсати донишгоҳ қарор дода шудааст.

Барномаи сифати таҳсилот дар донишгоҳ аз тарафи кормандони шуъбаи идораи сифати таҳсилот амалӣ мегардад. Аз ҷумла, дар соли 2022 дар сатҳи кафедраҳои донишгоҳ мониторинги мунтазами роҳандозии усулҳои интерактивии таълим гузаронида шуда, машғулиятҳои зиёда аз 110 омӯзгор мавриди таҳлил қарор дода шуд. Дар ин раванд ҷиҳати татбиқи васеи таксономияи Блум баҳри беҳтар азхудкунии донишҳои техникию технологӣ бо иштироки мудирони кафедраҳо ва мутахассисони пешбар семинари омӯзишӣ баргузор гардид.

Баҳри таъмини шаффофият ва дар сатҳи баланди масъулиятшиносӣ ташкил ва гузаронидани сессияи имтиҳонии тобистонаи соли таҳсили 2021-2022, тибқи фармоиши ректори донишгоҳ ба тартиби гузаронидани он тағйирот ворид карда шуд. Дар раванди сессияи имтиҳонии тобистонаи соли 2022 таҳти назорати Раёсати донишгоҳ дар ҳамкорӣ бо факултетҳо иҷрои талаботи "Тартиби қабули имтиҳонҳои ниҳоӣ дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ ва омехта", ки бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, пурра таъмин гардид. Шуруъ аз нимсолаи дуюми соли таҳсили 2021-2022 шаст дарсади имтиҳонҳои ниҳоӣ тариқи шифоҳӣ-хаттӣ ва чил дарсад тариқи тестӣ қабул карда шуданд.

Дар давраи сессияи имтиҳонии зимистонаи соли таҳсили 2021-2022 дар шуъбаи рӯзона аз курси 1-ум то 4-ум 3422 нафар ва дар шуъбаи магистратура 102 нафар донишҷӯ таҳсил менамуданд.

Марҳилаи асосии сессияи зимистонаро 3017 нафар донишҷӯи шуъбаи рӯзона ва 92 нафар донишҷӯ шуъбаи магистратура бомуваффақият ҷамъбаст намуданд. Дараҷаи дарсазхудкунӣ дар шуъбаи рӯзона 88,2%, дар шуъбаи магистратура 84,5%-ро ташкил намуд. Ин нишондиҳанда дар шуъбаи рӯзона нисбат ба сессияи асосии нимсолаи якуми соли таҳсили 2020 – 2021 3,3 % боло рафтааст.

С. 2 →

# МУВАФФАҚИЯТҲОРО БОЗ ҲАМ БЕШТАР ГАРДОНЕМ

(Давомаш, аввалаш дар саҳ.1)

Дар натиҷа, бо назардошти натиҷагирӣ аз имтиҳонҳои такрорӣ дараҷаи азхудкунӣ дар нимсолаи якуми соли таҳсили 2021-2022 дар зинаи бакалаври шуъбаи рӯзона 95,1 %, дар зинаи магистратура 90,2 % - ро ташкил намуд.

Натиҷагирӣ аз сессияи фаъоли имтиҳонии тобистонаи соли таҳсили 2021-2022 чунин буд: дар мӯҳлати муқарраргардида сессияи фаъоли тобистонаро 2399 нафар донишҷӯи шуъбаи рӯзона ва 46 нафар магистрант бомуваффақият ҷамъбаст намуданд. Дараҷаи дарсазхудкунӣ дар зинаи бакалавр 78,5 %-ро ташкил намуд, ки ин нисбат ба сессияи тобистонаи соли таҳсили 2020 – 2021, 3% боло рафтааст.

Пас аз сессияи иловагии нимсолаи дуюми соли таҳсили 2021-2022 дараҷаи дарсазхудкунӣ дар зинаи бакалаври шуъбаи рӯзона ба 94,1% баробар гардид.

Дараҷаи дарсазхудкунӣ дар зинаи магистратура 97,8% - ро, ташкил дод. Яъне ин нишондиҳанда нисбат ба сессияи нимсолаи аввал 1,1% боло рафтааст.

Дар соли 2022 аз шумораи умумии хатмкунандагон дар зинаи бакалавр ва магистратура, ки 1072 нафарро ташкил менамуд, 1040 нафарашон аз маҷмӯи фанҳои тахассусӣ имтиҳони давлатиро бомуваффақият ҷамъбаст намуданд. Натиҷаи ҷамъбасти имтиҳони давлатӣ нишон дод, ки дараҷаи азхудкунӣ 97% ва сатҳи сифати таълим ба 76,5% баробар шудааст. Нишондиҳандаи сифати таълим нисбат ба соли гузашта 9,4% боло рафтааст.

Дар соли 2022 дар маҷмӯъ 1033 нафар донишҷӯро аз рӯи 40 ихтисос хатм намуданд. Дар ин сол 28 нафар донишҷӯи зинаи бакалавр ва 3 нафар донишҷӯи зинаи магистратура донишгоҳро бо дипломи аъло ҷамъбаст намуданд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2021 1,5% зиёд мебошад.

Дар соли таҳсили 2021-2022 дар донишгоҳ зиёда аз 122 маводи таълимию методӣ аз чоп баровarda шудааст. Аз ҷумла, 5 китоби дарсӣ, 37 дастури таълимӣ, 66 дастури методӣ, 14 монография.

Боиси ифтихор аст, ки соли 2022-юм 12 нафар омӯзгор ва корманди донишгоҳ бомуваффақият рисолаҳои илмӣ дифоъ намуданд, ки аз ин 11-тоаш рисолаи номзадӣ ва 1-тоаш докторӣ мебошад

Ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли сипаришуда дар доираи зиёда аз 110 мавзӯъ корҳои илмию тадқиқотӣ бурданд, ки натиҷаи онҳо дар монография ва мақолаҳои илмӣ дарҷ гардидаанд. Дар соли 2022 аз ҷониби олимону омӯзгорони донишгоҳ 11 монография нашр шуда миқдори мақолаҳои илмӣ, ки ба чоп расонида шудаанд, 364 ададро ташкил додаст, ки аз ин миқдор 105-тоаш дар нашриёҳои аз ҷониби КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия тавсияшуда мебошад.

Барои тасдиқи натиҷаҳои корҳои ихтироъкориву навоварӣ олимону омӯзгорони донишгоҳ соли ҷорӣ соҳиби 4 патент (2-тоаш патенти Аврусиёгӣ) ва чор ҳалномаи мусбӣ оид ба гирифтани патент гаштанд.



Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҷиҳати амалигардонии дастуру супоришҳои Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, татбиқи Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ барои давраи то соли 2040 "Маркази таълимӣ-муҳандисии лифт" -ро дар ҳамкорӣ бо Коллеҷи лифти Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ ва ҳамоҳангсозии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ифтитоҳ бахшид. Дар маркази мазкур бо ҷалби омӯзгорон ва мутахассисон аз Коллеҷи лифти Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ курсҳои кӯтоҳмуддати ҷӯрсозӣ ва таъмири лифтҳои замонавӣ ба роҳ монда мешавад.

Раванди автоматикунонии фаъолияти ДТТ бо маром идома дошта, аз ҳисоби буҷаи донишгоҳ 6 компютер, 176 барномаи зиддивирусӣ ва 77 камераи назоратии дорои овоз барои эҳтиёҷоти раванди таълим дастрас карда шуданд.

Раёсати донишгоҳ дар самти баланд бардоштани дараҷаи касбияти омӯзгорону кормандон курсҳои бозомӯзии касбӣ ташкил карда, дар соли сипаришуда 169 нафар омӯзгор аз курсҳои гуногуни такмили ихтисос ба сертификатсионӣ гузаштанд.

Илова бар ин, бо дарназардошти татбиқи лоиҳаҳои байналмилалӣ дар давраи ҳисоботӣ 66 нафар омӯзгори соҳавӣ ба таҷрибаомӯзӣ ва сайқали маҳорати касбӣ дар давлатҳои Аврупо ва Осиёи Марказӣ аз курсҳои такмили ихтисос гузаштанд.

Бо дастгирии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 нафар омӯзгор ва 25 нафар донишҷӯи донишгоҳ аз курсҳои маҷозии зеҳни сунъии Донишгоҳи ASSISTa Кореяи Ҷанубӣ гузашта, курси мазкурро хатм намуданд. Ҳоло бошад, 5 нафар омӯзгор дар курсҳои ташкилнамудаи ТҶ "ТаҷРапт" барои омӯзиши элементҳои зеҳни сунъӣ машғуланд.

Дар самти мустаҳкам намудани алоқа бо истеҳсолот ва фароҳам овардани шароит барои таҷрибаомӯзии истеҳсолии донишҷӯён дар соли 2022-юм 22 шартномаи ҳамкорӣ бо корхонаю муассисаҳо баста шуданд. Дар умум донишгоҳ бо зиёда аз 125 корхона, ташкилот ва муассиса шартномаҳои ҳамкориро ба имзо расонидааст. Ҳамзамон, дар ин давра 11 воҳӯрӣ ва мизи мудаввар бо корфармоён гузаронида шуд.

Раёсати Донишгоҳ бо мақсади баланд бардоштани ҳисси ватандӯстиву хештаншиносии ҷавонон, ҳифзи якпорчагӣ, истиқлолу оромӣ, ваҳдату яогнагӣ, омӯзиши амики таърих ва сарзамини аҷдодиамон Озмуни донанда ва тарғибгари беҳтарини мақолаи коршинос оид ба масъалаҳои байналмилалӣ Абдуллоҳи Раҳнамо таҳти унвони "Мавкеи Тоҷикистон ё ҷаро Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари таҷовузгар нест?"-ро эълон намуд ва аз рӯи 4 номинатсия онро гузаронид.

Воҳӯрии намояндагони Прокуратураи генералии Тоҷикистон бо донишҷӯёни ҳар як факултети донишгоҳ ҷиҳати иҷрои Нақшаи амал оид ба амалисозии Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 аз 1 – уми октябри соли 2022 то 28-уми ноябри соли 2022 гузаронида шуд.

Тамошои филмҳои "Шикасти фитна", хиёнат қисмҳои 1,2,3,4,5 дар толори донишгоҳ ва тамоми факултетҳо ба ҳама донишҷӯён намоиш дода шуд.

Ҳамзамон, вобаста ба масъалаҳои терроризм, экстремизми динӣ, коррупсия, риояи Қонуни ҶТ "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим" бо иштироки намояндагони Агентии мубориза бар зидди коррупсия, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати ҶТ, Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 11 маротиба бо донишҷӯён департаменти корҳои тарбиявии донишгоҳ воҳӯрӣ ташкил намудааст.

Донишгоҳ дар соли 2022 бо 23 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, созмону ширкатҳои байналмилалӣ ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналмилалӣ шартнома ва созишномаҳои тарафайн ба имзо расонидааст. Тибқи созишномаҳои ҳамкорӣ бо Донишкадаи техникаи электронии Москва (МИЭТ) 5 нафар хатмкардаи донишгоҳ барои идомаи таҳсил дар магистратура аз рӯйи ихтисосҳои техникӣ ва технологӣ ба ин муассиса фиристода шудаанд. Бо истифода аз созишномаи ба имзо расонидашуда, 1 нафар хатмкардаи ихтисоси саноати хӯрока ба Донишгоҳи технологияҳои иттилотӣ, механика ва оптикаи Санкт-Петербург барои идомаи таҳсил дар магистратура фиристода шуд.

Маврид ба зикр аст, ки аз моҳи феврал то декабри соли 2022 дар заминаи шартномаю созишномаҳои ба имзо расонидашуда, зиёда аз 47 нафар донишҷӯёну омӯзгорон ва кормандони донишгоҳ ҷиҳати иштирок дар семинар, курсҳои такмили ихтисос, форуму конгрессҳо ва таҳсил дар доираи татбиқи лоиҳаҳои байналмилалии Erasmus+ KA1, KA2, GIZ, UniCEN ва ғайра ба хориҷи кишвар фиристонида шуда, дар ин давра 32 нафар олимону мутахассисони хориҷӣ ба донишгоҳ ташриф оварданд.

Дар давраи ҳисоботӣ раёсати донишгоҳ ба 35- нафар донишҷӯи ятим, маъюб, бепарастор ва ниматим ба маблағи 55 181 сомонӣ кумакпулӣ ҷудо намуда, 3 нафар донишҷӯро бо сабаби маҳрум гардидан аз волидайн ҳамчун ятими кулл ба гурӯҳи ройгон гузаронид.

Амонзода Илҳом Темур аз фаъолияти ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони донишгоҳ дар соли 2022 изҳори қаноатмандӣ намуда, онҳоро бо Соли нави мелодӣ самимона муборакбод гуфт ва бо боварӣ ибрoз дошт, ки коллективи донишгоҳ дар татбиқи сиёсати хирадмандонаю маорифпарваронаи Президенти маҳбуби кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бахусус, Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (23.12.2022), инчунин дар амалӣ гардонидани дастуру супоришҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми босазо гузошта, дар соли нави 2023 низ ба комёбию муваффақиятҳои назаррастар ноил гардида, мутахассисонеро омода менамоянд, ки ба талаботи бозори меҳнати дохиливу хориҷӣ ҷавобгӯ бошанд.

Дар кори маҷлис сардори шуъбаи муассисаҳои илмӣ-таълимии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Рӯзизода Акрам Ҳамроқул иштирок ва суханронӣ намуд.

**М. ТОШМАТОВ,**
**муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим ва идораи сифати таҳсилот**

## ОМӮЗИШИ ПАЁМ

# БАРНОМАИ ХУБИ ФАЪОЛИЯТ БАҲРИ ТАЪМИНИ ПЕШРАФТИ ҶОМЕА

Паёми Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 23-юми декабри соли 2022 ироа гардид, дар маҷмӯъ масъалаҳои муҳимми ҳаёти моро фарогир буда, дар самти рушди сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат арзишманд ба ҳисоб меравад ва он барномаи хуби фаъолият баҳри таъмини пешрафти ҷомеа дар соҳаҳои минбаъда махсуб мееёбад.

Дар Паём ба масъалаҳои рушду таҳкими самти иҷтимоӣ, аз ҷумла илму маориф, таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардид. Тавре Сарвари давлат таъкид намуданд: "...дар сӣ соли охир шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва хонандагони онҳо беш аз ду баробар, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ 1,6 баробар ва донишҷӯёни ин зинаҳои таҳсилот сеюним баробар, мактабҳои олӣ чор баробар ва донишҷӯён зиёда аз се баробар афзудааст".

Мусаллам аст, ки барои ноил гардидан ба ин нишондодҳо қабл аз ҳама маблағгузорӣ ва дастгирию ғамхории доимии Ҳукумати мамлакат ба соҳаи маориф, инчунин заҳмати софдилонаю содиқонаи мутасаддиёну мутахассисони соҳа мебошад. Чунончи, соли 2022 аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф 6 миллиарду 304 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст, ки нисбат ба соли 2021-ум 707 миллион сомонӣ ё худ 12,6 фоиз зиёд буда, қариб 19 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷетро ташкил медиҳад. Ё худ дар баробари ғамхорӣ ба дигар қишрҳои ҷомеа, аз 1-уми июли соли 2023 ба андозаи 20% зиёд кардани музди меҳнати кормандони муассисаҳои маориф, илм, тандурустӣ, соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва стипендияҳо далели ин гуфтаҳост.

Аз ин рӯ, мо омӯзгорону кормандони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар ҷавоб ба ғамхориҳои рӯзафзуни давлату Ҳукумати мамлакат, бахусус Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боз ҳам пурмаҳсултар фаъолият карда, дар пешрафти илми ватанӣ, тайёр намудани мутахассисони болаёқати ҷавобгӯ ба талаботи давру замон ва ободию шукуфоии Ватани маҳбубамон саҳми арзанда мегузорем.

Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба вазорату ниҳодҳои даҳлдор амалӣ гардонидани тадбирҳоро дар бораи "... васеъ ҷорӣ намудани омӯзиши амалии донишҷӯён бо роҳи пайванди илм ва истеҳсолот ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати омодасозии мутахассисони соҳаҳои саноат ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, инчунин иқтисоди рақамӣ" таъкид карданд.

Ҳайати омӯзгорону кормандони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон амалӣ гардонидани ин гуфтаҳои Пешвои миллатро мақсаду мароми хеш қарор дода, кӯшиш карда истодаанд, ки дар ин самт ба натиҷаҳои назаррас ноил гарданд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки яке аз нуктаҳои муҳимми Паёми Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳисси баланди ватандорию ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва дастовардҳои он ташкил медиҳад. Тавре Пешвои миллат ибрoз доштанд: "Мо бояд ватандӯсту ватанпараст бошем ва ҳаргиз фаромӯш насозем, ки эҳсоси гарми ватандӯстӣ ва ҳисси баланди миллӣ омили асоситарин ва роҳи муҳимтарини рушди давлат ва ҷомеа мебошад. Яъне ҳар яки мо бояд минбаъд низ мафҳумҳои «ватандӯстӣ» ва «рушд»- ро шиори кору фаъолияти ҳаррӯзаи худ қарор диҳем. Илова бар ин, ҳифзи истиқлолу озодии Тоҷикистони маҳбубамон ва дастовардҳои он – сулху оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ бояд қарзи инсонӣ, вазифаи шаҳрвандӣ ва рисолати имонии ҳар як фарди бонангу номус ва ватандӯсту ватанпарасти ҷомеа бошад".

Мо омӯзгорону кормандони ДТТ, ки таълиму тарбияи дуруст, дар рӯҳияи ododбу ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, ватандӯстию меҳанпарастӣ, худшиносию худогоҳии миллӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ, ҳифзи дастовардҳои истиқлолият тарбия намудани ҷавонон-донишҷӯён ва ба ҳайси мутахассиси ракобатпазир ба камол расонидани онҳоро ҳадаф ва рисолати касбии хеш медонем, минбаъд низ кӯшишу ғайратамонро баҳри татбиқи нуктаҳои Паёми Пешвои миллат, ки раҳнамо ва барномаи хуби фаъолият баҳри таъмини пешрафту шукуфоии кишвар мебошад, равона месозем.

***Бегмурод САНГИНМУРОДОВ,***
**мудири кафедраи менеҷменти инвеститсионӣ ва маркетинги ДТТ**

# РУШДИ МАОРИФ ДАР МЕҲВАРИ СИЁСАТИ ПРЕЗИДЕНТИ КИШВАР



Паёмҳои Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии кишвар яке аз муҳимтарин ҳуҷҷатҳое аст, ки дар муддати сол ба тарзи фарогир дастовардҳои миллиро дар ростои иқтисодиёт, иҷтимоиёт, сиёсат, илм, фарҳанг, маориф ва таъмини амнияти кишвар таҳлилу арзёбӣ карда, нақшаҳои соли минбаъдаро таҳия ва дар асоси онҳо дурнамои рушди ҷомеаи моро муайян месозанд.

Охири соли сипаригардида, яъне 23-юми декабр низ Паёми Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар ироа гардид, ки дар он Президенти кишвар тамоми паҳлуҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дар маҷмӯъ самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳуриро баррасӣ намуданд.

Ибтидои Паём бо натиҷагирӣ аз соли 2022 оғоз гардид, ки Президенти кишвар онро дар маҷмӯъ барои мардуми ҷумҳурӣ соли бобарор арзёбӣ намуданд.

Таъкид гардид, ки дар натиҷаи татбиқи самараноки ислоҳоти иқтисодӣ, амалӣ намудани стратегияю барномаҳо ва тадбирҳои зиддибуҳронӣ давоми 5 соли охир рушди иқтисоди кишвар ба ҳисоби миёна 7,3% таъмин гардида, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 71 млрд ба 115 миллиард сомонӣ расида ва ба ҳар сари аҳолӣ 1,5 баробар афзоиш ёфт. Дар идома таъкид карда шуд, ки рушди иқтисоди миллӣ соли 2022 дар сатҳи 8% таъмин карда шуд. Ҳамчунин дар 5 соли охир сатҳи некуаҳолии мардум тадриҷан баланд шуда, даромади пулии аҳолӣ аз 41,1 миллиард сомонии соли 2018 ба 87 миллиард сомонӣ дар соли 2022 расонида шуд, яъне 2,1 баробар зиёд гардид. Музди меҳнат дар кишвар ба 1,5 баробар ва андозаи нафақаи ниҳоӣ 1,3 баробар афзоиш ёфт. Дар натиҷа сатҳи камбизоатӣ аз 27,4%-и соли 2018 то 22,5% дар соли 2022 коҳиш дода шуд. Дар ин давра беш аз 900 ҳазор аз ҷумла дар соли 2022 190 ҳазор ҷойи кории нав таъсис дода шуд, ки ба беҳтар гардидани вазъи шуғли аҳолӣ дар кишвар мусоидат намуд. Ҳамин тавр, ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ аз 9,1 миллиард сомонии соли 2018 то 14,7 млрд сомонӣ дар соли 2022 ё 62% зиёд гардид.

Зикр карда шуд, ки дар 5 соли охир танҳо барои рушди соҳаҳои маориф ва тандурустӣ 36 миллиард сомонӣ равона гардида, ҳиссаи маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ 44% ташкил дод. Президенти кишвар зикр намуданд, ки дар давраи зикршуда аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 842 бинои муассисаи таълимӣ барои 382 ҳазор хонанда, аз ҷумла дар соли 2022-юм 190 бинои таълимӣ барои 87 ҳазор хонанда сохта ба истифода дода шудааст. Дар маҷмӯъ дар даврони истиқлолии давлатӣ 3430 муассисаи нави таълимӣ барои қариб 1,5 миллион хонанда сохта ва ба истифода дода шуд. Имрӯз дар таҳсилоти миёнаи умумии кишвар 2 миллиону 300 ҳазор нафар хонандагон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Ҳол он ки дар соли 1991 ин нишондиҳанда ҳамагӣ 1 миллиону 325 ҳазор нафарро ташкил медод.

Президенти кишвар ибрoз доштанд, ки давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон аз оғози соҳибистиқлолӣ пешрафти бомароми соҳаҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа- ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, илму маориф, тандурустӣ ва фарҳангро яке аз самтҳои асоситарин ва афзалиятноки сиёсати худ қарор дода, барои расидан ба ин ҳадафҳо ҳамаи тадбирҳои зарурмро амалӣ карда истодааст. Вобаста ба ин, ба Ҳукумати мамлакат супориш дода шуд, ки ҷиҳати аз 01.07.2023 то соли 2025 ҳар сол зиёд кардани андозаи кумакпулии унвонии иҷтимоӣ барои оилаҳои камбизоат, яъне аз 512 сомонии амалкунанда то 836 сомонӣ ва иловатан барои ҳар як кӯдаки оилаҳои мазкур мутобиқан ба ин давра аз 34 сомонӣ то 152 сомонӣ ҷудо кардани маблағҳо чораҷӯӣ намояд. Ҳамчунин бо мақсади беҳтар намудани вазъи иҷтимоии аҳолӣ аз 1-уми марти соли 2023 музди меҳнати амалкунандаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ 25% ва дигар кормандони ин мақомот 20% зиёд карда мешавад. Инчунин аз 1 июли соли 2023 музди меҳнати кормандони муассисаҳои маориф, илм, тандурустӣ, соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва стипендияҳо 20% зиёд карда мешаванд.

Президенти кишвар дар баробари соҳаҳои иқтисодӣ, ки пойгоҳи асосии рушди ҷомеаро ташкил медиҳанд, инчунин ба масъалаи маориф таваҷҷӯҳи бевосита намуданд. Бори дигар зикр намуданд, ки дар марҳилаи кунунии пешрафти Тоҷикистон соҳаи илму маориф яке аз соҳаҳои афзалиятноки аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад, ки онҳо таҳкимбахши пояҳои давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ мебошанд.

Воқеан имрӯз дар ҷаҳон кишваре нест, ки ба илму маориф такя накарда ба пешрафти бесобиқа тавъам гардад. Имрӯз асоси иқтисодии ҳар кишварро дониш ва дастовардҳои техникиву технологии илмӣ ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, махсус Президенти кишвар соҳаи маорифро дар авлавияти сиёсати худ қарор доданд. Зеро бе рушди маориф ва донишҳои навини илмӣ кишвар наметавонад ба рушди босубот ворид гардад. Зеро мутахассисони ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқро танҳо муаллимон ва омӯзгорони фидокору сарсупурдаи миллат тарбият менамоянд.

Мусаллам аст, Президенти кишвар соҳаи маорифро ҳамеша соҳаи авлавиятнок дар сиёсати худ қарор дода, зимни баррасии Паёми навбатӣ низ таъкид варзиданд, ки "мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем. Зеро агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу субот амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама рушди давлат сахт халалдор мегардад". Таъкид гардид, ки бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад. Аз ин лиҳоз ғамхорӣ кардан ба илму маориф, яъне ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷой дошта - сармоягузорӣ ба хотири рушди неруи инсонӣ мебошад.

Ҳадафи Роҳбари давлат баланд бардоштани сатҳи саводу маърифатнокии мардум ва дар навбати аввал, наврасону ҷавонон, тақвияти ҳисси миллӣ, ватандӯстиву ватанпарварӣ, ҳувияти миллӣ, арҷгузорӣ ва омӯхтани забон, таърих, фарҳанги бостонии тоҷикон, тавсеаи доираи донишу ҷаҳонбинии илмиву техникӣ ва рушди илмҳои дақиқу табиӣ дар кишвар мебошад. Ба илму маориф таваҷҷӯҳи махсус зоҳир кардани Пешвои миллат ва онро дар авлавияти сиёсӣ гузоштан ва боло бурдани мақоми омӯзгор ва олим дар ҷомеа метавонад дарояндаи наздик Тоҷикистонро ба як кишвари аз лиҳози неруи зеҳнӣ пуриқтидор табдил диҳад.

Мақсад аз ҳамаи ин ташаббусу пешниҳодҳои Президенти кишварро дар самти рушди илму маориф, баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии миллат ва мунтазам беҳтар гардонидани сатҳу сифати таълим ва тарбияи кадрҳои ба талаботи замона ҷавобгӯ донист, ки он метавонад заминаи рушди сартосарии миллиро муҳаё намуда, ба ҷаҳиши бузурги тараққиёт оварда расонад, ки инро метавон дар мавриди кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон мушоҳида намуд. Бо назардошти ин ки пешрафти давлат ва ояндаю ободии Ватан аз сатҳи донишу маърифатнокии мардум вобастагии мустақим дорад, таъкиди худро сарвари давлат бо он асоснок намудаанд, ки ҳар кишвар ва ҳар давлат вобаста аз дараҷаи рушди илму маорифаш пешрафт менамояд ва баръакс ҳар қадаре сатҳи дониш паст бошад, ҳамон қадар мушкилот меафзояд. Дар ин замина қайд намуданд ки: "бесаводӣ, ҷаҳолат ва хурофот ба инсонҳо танҳо бадбахтӣ меорад ва боиси ақибмонии ҷомеа ва касодии давлат мегардад".

Сарвари давлат муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олиро вазифадор намуданд, ки ба воситаи анҷом додани кашфиёту ихтироот, ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии пешбурди таҳқиқоти илмӣ ва техникаву технологияҳои муосир дар рушди минбаъдаи иқтисоди миллӣ саҳми фаъолтар гузоранд. Дар бахши илм низ таъкид варзиданд, ки он бояд ба равандҳои ҷаҳони имрӯза мутобиқ намуда ва фаъолияти муассисаҳои илмию таҳсилоти олӣ ба ин раванд мутобиқ гардонида шавад. Президенти кишвар ин самти муҳимми сиёсию иҷтимоӣ ва ҷомеасозиро ҷамъбаст намуда, ба ниҳодҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, инчунин дигар вазорату идораҳо дастур доданд, то тавассути роҳандозӣ намудани барномаҳои таълими касбу ҳунарҳои муосир ва васеъ ҷорӣ намудани омӯзиши амалии донишҷӯён бо роҳи пайванди илму истеҳсолот, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати омодасозии мутахассисони соҳаҳои саноат ва технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, инчунин иқтисоди рақамӣ тадбирҳои судмандро амалӣ созанд.

Тавре аз мухтавои Паёми Президент бармеояд, масъалаи маориф ва илм яке аз бахшҳои меҳварӣ ва калидии ин паёмро ташкил медод ва нуктаҳои бисёр муҳим дар он садо доданд, ки ифодагари арзиши баланди илму маориф ва миллатсозию давлатсозии ин раванд таъкид гардидаанд. Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои дар Паём гзошташуда, тамоми аҳли ҷомеаро зарур аст, ки ба нуктаҳои меҳварие, ки дар он ҷой дода шудаанд, масъулиятшиносона барои татбиқи онҳо кӯшиш ба харҷ диҳанд. Махсусан, дар боло бурдани мақому манзалати омӯзгор ҳамаи қишрҳои ҷомеа новобаста аз ҷойгоҳи иҷтимоии худ бояд ба ин раванд таъсиргузор бошанд. Шуруъ намуда аз мақомдорони ҳокимияти маҳаллӣ, соҳибкорон, рӯҳониён, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд кӯшиш ба харҷ диҳанд то дар маҳалҳо омӯзгор ба ҳайси нафари фаъол, обрӯманд, пешбарандаи ҷомеа,ояндасоз, ҷойгоҳ пайдо намояд ва ин раванд ба тарзи мутаасил идомат пайдо намояд, зеро то замони ин ки муаллим ва олим ба ҳайси шахси идеалии ҷомеа ҷойгоҳу мартабаи боло надошта бошад, он наметавонад дар дили шогирдони худ шуълаи умедро барои оянда барафрӯзад. Фақат боло бурдани ҷойгоҳ, обрӯву эътибор ва сатҳу сифати зиндагонии омӯзгору зиёӣ ба ҳайси пешбари ҷомеа метавонад ҳадафҳои гузошташудаи Президенти кишварро дар амал татбиқ созад.

Аз ҷониби дигар, бояд роҳбарияти донишгоҳу донишкадаҳо муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмию тадқиқотӣ, инчунин роҳбарони муассисаҳои таълимоти миёнаю касбӣ дар самти боло бурдани ҷойгоҳ ва мақому манзалати омӯзгор тадбирҳои амалӣ андешида, ҷиҳати татбиқ намудани ҳадафҳои дар Паёми Президенти кишвар гузошташуда, чораҳои муассир ва таъхирнопазир андешанд.

Мусаллам аст, ки ҳар кишвар ва ё ҳар миллате ки илму маорифро авлавияти кори худ қарор медиҳад, ҳатман дар оянда ба дастовардҳои бузург ноил гардида, дар арсаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ҷойгоҳи муносибро ба даст меоваранд. Ҳамчунин дар самти расидан ба зиндагии шоиста ва тақвияти худшиносию худогоҳӣ, давлатмеҳварӣ ва истеҳком бахшидани пайкараи миллӣ танҳо рушди илму маориф метавонад ба ҳайси омили асосӣ ҷиҳати расидан ба ин ҳадаф заминаи воқеиро ба вуҷуд оварад. Бо назардошти ин нукта масоили маориф ва илм дар Паём бори дигар аз ҳар фарди бедору огоҳи кишвар тақозо менамояд, ки фарзандону пайвандони худро дар рӯҳияи баланди илмомӯзӣ тарбият намуда, ҳар кадоме ҷиҳати боз ҳам боло рафтани сатҳи маърифату илмомӯзӣ ва боло бурдани ҷойгоҳи омӯзгор дар ҷомеа саҳми хешро гузорем.

Суханронии Пешвои миллат ва дастуру ҳидоятҳое, ки дар Паёми навбатӣ ҷиҳати рушди соҳаи маориф ироа гардид, ҳар нафар аз аҳли ҷомеаро водор месозад, ки баҳри дар амал татбиқ намудани ин ҳадафи муҳим саҳмгузорӣ намоянд.

Ҳамчунин устодону омӯзгорон вазифадоранд, ҷиҳати амалӣ намудани ҳадафҳои гузошташуда самимона ва содиқона ба фарзандони кишвар, киояндасози миллатанд, сабақ омӯзонанд.

**Исомиддин ШАРИФЗОДА,**
**мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ**

# ТАЛОШҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БАҲРИ ПОЙДОРИИ МИЛЛАТ



Саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди давлати навини тоҷикон воқеан беандоза аст. Маҳз бо заҳмату талошҳои шабонарӯзии ин абармарди хирад ва родмарди сулҳи тоҷикон Тоҷикистони азиз аз пароканадашавӣ эмин ёфт.

Он рӯзҳои сахту нангини солҳои 90-уми асри гузашта бо сар задани ҷанги хонумонсӯз қариб ба пароканадашавии миллати тоҷик оварда мерасонид. Мардуми шарифи Тоҷикистон аз тарсу ваҳм ва наҷоти ҳаёти худ ба кишварҳои хамсоя паноҳ бурданд. Он солҳо Тоҷикистон ҳамчун кишвари нооором дар сарҳати воситаҳои ахбори омма қарор гирифта буд. Дар он шабу рӯзҳои нооором наҷотбахши миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сари қудрат омад. Барои ба эътидол овардани вазъияти нооломи кишвар, раиси Шӯрои Олӣ Эмомалӣ Раҳмон қавл доданд, ки ба мардуми шарифи Тоҷикистон сулҳ меорад ва то гурезаи охиринро ба Ватан барнагардонад, худро ором намешуморад. Албатта, мо ҳама шоҳиди он ҳастем, ки мухтарам Эмомалӣ Раҳмон мардонавор дар гирдоби ин бесарусомониҳои печида ба қавлашон бо сари баланд вафо намуданд. Бо мақсади ба эътидол овардани вазъияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар Президенти навинтихоби Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷони худро дареғ надошта, дар он давраи нооором якчанд маротиба ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон сафар намуда, аз мардуми шарифи тоҷик даъват ба амал оварданд, ки ба ватани аҷдодиашон баргарданд. Ҳамзамон, бо нерӯҳои гуногуни сиёсӣ ва мухолифин якчанд гуфтушунидҳо анҷом дода, ниҳоят 27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия бо ташаббус ва ҷоннисориҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид, ки ин воқеаи муҳимми таърихӣ садсолаҳо дар қалби тоҷикон боқӣ хоҳад монд.

Албатта, бо ин ҳама Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон конеъ нагардида, баҳри пешравии Тоҷикистон ба некуаҳволии мардуми шарифи он пайваста талош меварзанд. Имрӯз Тоҷикистони соҳибистиқлол таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи ҷаҳонӣ бо қадамҳои устувор пеш меравад. Нуфузу эътибори Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни ҷомеаи башарӣ ҳамчун давлати ташаббускор ва созанда дар пешниҳодҳои беназири Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз ҷумла татбиқи ташаббуси чорум дар соҳаи об - «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» бо иштироки Роҳбари давлат дар Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид ва ҳамкориҳои зич бо Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Аврупо, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо ва дигар шарикони рушд, инчунин баргузории конфронсҳои сатҳи баланди байналмилалӣ, аз қабили мубориза муштарак бо терроризму ифротгароӣ ва тундгароии хушунатомез асос меёбад. Дар ин радиф давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бо ин вабои аср аз тамоми имконот истифода мебарад. Президенти кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ зимни кушодашавии конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар шаҳри Душанбе дар мавзӯи "Муқовимат бо терроризм ва экстремизм" қайд намуданд, ки яке аз омилҳои паҳншавии терроризм интернет мебошад. Бар ин асос, ташкилотҳои террористӣ технологияҳои иттилоотии замонавиро фаъолона истифода мебаранд. Аз ҷумла, онҳо шабакаҳои интернетиро барои ташвиқу тарғиби экстремизм, ҷалби насли наврас ва ҷавонон ба сафҳои худ, омода ва роҳбаладии онҳо барои амалҳои зишт ва харобиовар истифода мебаранд. Вобаста ба ин, Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд, ки "Терроризм ватан, забон, нажод ва дин надорад. Ин бадбахтии оламшумуле гардидааст, ки ба муқобили он якҷоя мубориза бурда, ба ҳамдигар кумак расонида, тадбирҳоро мувофиқ сохтан зарур аст".

Қобили зикр аст, ки бо заҳматхои шабонарӯзии Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои рушд ва барои зиндагии шоистаи мардум дар мамлакат бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисодиёти кишвар ва дар ин замина амалишавии чор ҳадафи тақдирсози стратегии Ҳукумати мамлакат: истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бумбасти коммуникатсионӣ, амнияти озуқаворӣ, саноатикунонии босуръати кишвар корҳои зиёде ба анҷом расида истодаанд. Вобаста ба амалишавии ҳадафҳои расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар санаи 16 ноябри соли 2018 ба кор андохтани аввалин агрегати НБО "Роғун" ва 9 сентябри соли 2019 ба кор андохтани агрегати дуюми НБО-и "Роғун" аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон қадами устувор дар рушди на танҳо Тоҷикистон, балки манотиқи Осиёи Марказӣ гардид. Ин рӯйдоди воқеан муҳим дар таърихи миллат бо хатҳои заррин асрҳо боқӣ мемонад.

Бешубҳа, заҳматҳои шабонарӯзии Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон барои миллат беандоза аст. Мардуми бонангу номус, фарҳангсолор ва шарафманди тоҷик дар партави Пешвои миллат устуворона қадам мениҳанд ва Ватани маҳбубро боз ҳам ободу зебо намуда истодаанд. Шаҳодати ин гуфтаҳо дар дигаргуниҳои куллӣ дар рушди соҳаҳои мухталифи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дида мешавад. Бахусус, ба истиқболи ҷашни бузург – 31-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми шаҳру ноҳияҳои мамлакат сохтмони иншоотҳои замонавӣ, таъсиси корхонаҳои саноатию истеҳсолӣ ва дар ин замина бо кор таъмин намудани аҳолӣ, сохтмони мактабҳои замонавӣ ва бо ашёҳои муосири хониш таъмин намудани онҳо ва ғайра амалӣ гардида истодааст. Инчунин, дар фазои сулҳу оромӣ ва амнияи баргузор гардидани чорабиниҳои сатҳи байналмималӣ дар кишвар, далели ҳамкориҳои судманд, сиёсати муваффақонаи хориҷӣ ва тинҷиву оромии Ватани маҳбубамон мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳар як фарди бонангу номуси миллат бояд аз заҳматҳои Пешвои миллат ибрат гирифта, сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлатро пеша намояд ва фаъолияти худро ба нафъу пешравии ҷомеа равона созад.

**Ф.М. ҒАФФОРОВ,**
**муовини ректор оид ба инноватсия ва технологияҳои таълимӣ**

# САДА ҶАШНИ МУЛУКИ НОМДОР АСТ...

Аз давраи бостон то ба имрӯз тамаддуни орийӣ ба инсоният ҷашнҳоеро ба мисли Наврӯз, Сада, Меҳргон ва суннату ойинҳои онҳо пешкаш намудааст, ки бар пояи меҳру садоқат ба хираду заковат бунёд шуда, пирӯзии ақлу хирад бар ҷаҳлу зулмат, рушноӣ бар торикӣ ва некӣ бар бадӣ ба шумор меравад. Решаи ҷашнҳои мардуми ориётабор аз ибтидо бо табиату кайҳон ва иҷтимоии башарӣ иртибот дошта, аксари ҷашнҳои орийӣ бархоста аз кашфиётест, ки ошкор шудани он ба нафъи тамоми ҷомеаи башарӣ будааст, аз қабили кашфи оташ, барбарии шабу рӯз, ихтирои оҳан, даст ёфтан ба улуми кишоварзӣ, тиб, киштисозӣ, тасаррифи укёнусҳои паҳновар ва ғайра.



Сада яке аз ҷашнҳои қадимаест, ки рӯзи 10-уми моҳи баҳмани солшумории шамсӣ таҷлил мегардид ва мутобиқи солшумории мелодӣ ба поёни шаби 30-юм ва оғози рӯзи 31-уми январи солшумории мелодӣ рост меояд. Метавон гуфт, ки Сада пас аз 40 шабонарӯзи омадани шаби ялдо (дарозтарин шаби аввали моҳи дай) ё худ пас аз гузаштани чиллаи калони зимистон фаро расида, чун рамзи гузаштани сардиҳо, одатан муждае аз наздик расидани баҳорро меовард. Оид ба шарҳи истилоҳи ҷашни Сада дар сарчашмаҳои таърихию адабӣ андешаҳои гуногун зикр шудаанд. Дар манобеи асотирӣ пайдоиши ҷашни Садаро ба шоҳ Ҳушанг нисбат медиҳанд, ки ин ҳодисаро Фирдавсии бузург дар "Шоҳнома"-и безаволаш тасвир кардааст. Мувофиқи нигориши ӯ Ҳушанг ба мардум тарзи афрӯхтани оташро омӯзонид ва ҷашни Садаро бунёд гузошт. Ҳушанг рӯзе ҳамроҳи ёронаш ба шикор рафт. Дар шикоргоҳ мори сиёҳи дарозеро дучор омад, ки ба одамон ҳамла меовард. Санги калонеро бардошта, сӯйи мор хаво дод ва он санг ба санги дигаре бархӯрда, шарора афканд:

**Баромад ба санги гарон санг хӯрд,**
**Ҳам ону ҳам ин санг гардид хурд.**
**Фурӯғе падид омад аз ҳар ду санг,**
**Дили санг гашт аз фурӯғ озаранг...**

Ӯ аз шарора афкандани ду санг ба ҳайрат монда, онро чун шуои фурӯғи яздонӣ пазируфт ва аз ҳамон рӯз бузургдошти оташро ба ҷо овард. Ин маросим ҷашни Сада номида шуд:

**Шаб омад, барафрӯхт оташ ба кӯҳ,**
**Ҳамон шоҳу дар гирди шоҳон гурӯҳ.**
**Яке ҷашн кард он шабу бода х(в)ард,**
**Сада номи он ҷашни фархунда кард.**
**Зи Ҳушанг монд ин Сада ёдгор,**
**Басе бод гӯи ӯ дигар шаҳриёр.**

Дар «Наврӯзнома»-и Умари Хайём роҷеъ ба таърихи пайдоиши ҷашни Сада омадааст: «Афридун ҳамон рӯз, ки Заҳҳок бигрифт, ҷашни Сада барниҳод ва мардумон, ки аз ҷавру ситами Заҳҳок раста буданд, писандиданд ва аз ҷиҳати фоли нек он рӯзро ҷашн карданд ва ҳар сол то ба имрӯз ойини подшоҳони некаҳдро дар Эрон ва даври он ба ҷой меоваранд».

Бархе манобеи таърихӣ номи Садаро баргирифта аз адади 100 медонанд. Аз ҷумла, Абурайҳони Берунӣ дар ин замина навиштааст: "Сада гӯянд, яъне сад ва он ёдгоре аз Ардашери Бобакон аст ва дар иллату сабаби ин ҷашн гуфтаанд, ки ҳар гоҳ рӯзҳо ва шабҳоро ҷудогона бишморанд, миёни он ва охири сол адади сад ба даст меояд..." Аммо муҳаққиқ Ризо Муродии Ғиёсободӣ назарияи Беруниро дар бораи иртиботи вожаи сада ба ададии садро рад карда, менависад: «Вожаи сада дар "Авасто" ҳам ба маънои тулӯъ кардан ва ҳам ба маънои ғуруб кардан омадааст ва ба гумони зиёд, ҷашни Сада ба як ҳодисаи кайҳонӣ, яъне тулӯъ ва ғуруби ҳамзамони ду ситораи пурнуру дурахшон дар нахустин шабҳои баҳманмоҳ дар ҳудуди панҷ ҳазор сол пеш иртибот дошта бошад».

Ба навиштаи муаррихоне ҳамчун Берунӣ, Байҳақӣ ва Гардезӣ, ҷашни Сада яке аз се ҷашни бузургест, ки дар давроии исломӣ то охирҳои давроии Хоразмшоҳиён ва ҳамлаи муғул давом оварда ва ҳам салотину амирон ва ҳам мардуми одӣ ин ҷашнро ба по медоштаанд. Ба ривояти "Таърихи Байҳақӣ", ҷашни Сада дар замони ҳукмронии сулолаи Ғазнавиён низ бошукӯҳу шаҳомат баргузор мешудааст. Унсурӣ, шоири қасидасарои дарбори Ғазнавӣ ҳангоми таҷлили ҷашни Сада дар баробари Маҳмуди Ғазнавӣ қасидае дар бораи ин ҷашн қироат кардааст, ки матлаи он чунин аст:

**Сада ҷашни мулуки номдор аст,**
**Зи Афридуну аз Ҷам ёдгор аст.**

Тавсифи ҷашни Сада дар ашъори дигар шоирони дарбори Ғазнавӣ низ ба чашм мехӯрад. Аз ҷумла, Манучеҳрии Домғонӣ ҳам дар бораи ҷашни Сада қасидае сурудa, ки чунин оғоз мешавад:

**Омад, ай сайиди аҳрор,**
**Шаби ҷашни Сада,**
**Шаби ҷашни Садаро ҳурмат бисёр бувад.**
**Оташе бояд чунон ки фарози аламаш,**
**Бартар аз доираи гунбади даввор бувад.**

Аз нукоти ҷолиби ҷашни Сада ин аст, ки бо гузашти асрҳо дар маросими баргузории ин ҷашн тағйироти ҷандоне ворид нашудааст ва то кунун низ мардум ҷашни Садаро ба гунае баргузор мекунанд, ки дар давроии бостон роиҷ будааст.

Дар Ватани маҳбуби мо-Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани истиқлолият бо мақсади эҳёи суннату фарҳанги ниёкон бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон Наврӯзи оламафрӯз ба ҷашни байналмилалӣ мубаддал гардида, ҷашнҳои Меҳргону Сада низ бо шукӯҳу шаҳомат дубора барқарор шуданд. Зеро тавре аз манбаъҳои таърихиву адабӣ бармеояд, ин се ҷашни миллӣ реша дар тағйироти табиату кайҳон дошта, ҳеҷ рабте ба ақидаҳои динӣ надоранд, балки адёни кӯҳан, ба монанди ойини меҳрпарастӣ, зардуштия, масеҳият ва ҳатто ислом дар бархе мавқеъ таҳти таъсири ин ҷашнҳо қарор гирифта, аз ин маросимҳо таъсир пазируфтаанд.

**Зебуннисо ҲАМРОҚУЛОВА,**
**омӯзгори кафедраи забони тоҷикии ДТТ**

**Дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон озмуни “Доната ва тарғибгари беҳтарини мақолаи коршинос Абдуллои Раҳнамо” таҳти унвони “Мавқеи Тоҷикистон ё чаро Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари таҷовузгар нест?” ҷамъбаст гардид.**

**Инак, мақолаи ғолиби озмун, донишҷӯи курси 3-юми факултети менеҷмент ва маркетинги байналмилалӣ Заррина Хайриеваро бо забони англисӣ манзури хонандаи азиз мегардонем.**

# IN BORDER DISPUTES BETWEEN TAJIKISTAN AND KYRGYZSTAN, THE RIGHT IS ON OUR COUNTRY’S SIDE!

## (Opinions in the margin of the analytical article of the expert on political issues Abdullahi Rahnamo entitled THE POSITION OF TAJIKISTAN OR WHY THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IS NOT AN AGGRESSIVE COUNTRY?)

From the proud and prosperous history of the Tajik nation, it can be seen that the Tajik people have never been in favor of war and have always followed the path of tolerance and peace.

Every corner of dear Tajikistan is dear and respected by the young and old of this paradise land. The lushness, prosperity, and expansion of the trees grove originate from the hard work of its inhabitants. Its holy water and clay have historical, ancient, and civilizational roots.

The noble people of Tajikistan have not yet forgotten the horror of the brutal civil war and are grateful for the fact that as a result of the actions of their just and wise leader - the founder of national peace and unity - the leader of the nation the honorable President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon, a lasting peace has been achieved. Our culture-loving and peace-loving people have been in favor of peace and friendship since time immemorial and have never and will never look at another nation with prejudice. As the expert on political issues Abdullahi Rahnamo mentioned in his article, today’s disputed land between Tajikistan and Kyrgyzstan is a total of 211 thousand hectares of land, which are referred to as «disputed areas», now 84,000 hectares of land are in the area of Bobojon Ghafurov district (mainly due to the Khistevarz community). ), 56,000 hectares of land in Kuhistoni Maschoh district (mainly forested area of Andarak), 61,000 hectares of land in Isfara city (mainly from Surkh, Chorkuh and Vorukh communities), some other relatively small plots in Jabbor Rasulov, Spitamen districts, etc. In the 40s-50s and then in the 70s and the end of the 80s of the 20th century, it was arbitrarily usurped by the Kyrgyz and is being used by them, which is the historical birthplace, civilization maker and ancestral home




of Tajiks, and its life and livelihood is an incomparable reflection.

Arising of disputes and misunderstandings every time related to the «disputed territories» makes it clear that the Kyrgyz side, regrettably, always ignores the understanding of the truth of the history of several thousand years, and does not want to accept it, and doesn’t want it to be recorded in the pages of great history books and even recognized by foreign scientists and globalists and based on it, there are a lot of scientific works and historical records.

Kyrgyzstan, without a higher legal document and without agreement with the Government of Tajikistan, formed the so-called Joint Commissions and unilaterally mapped these illegally usurped territories for its own benefit, which was not recognized and approved by the Supreme Council of Tajikistan - the highest legislative body of Soviet Tajikistan. Regardless of this, every time they violate the law under any pretext, causing unrest on the border of the two countries and sometimes causing unjust bloodshed.

On the basis of the national-border division of Central Asia, developed maps, in 1924-1927, the borders of the newly established former Soviet republics of this land were determined and clarified, «disputed territories», in particular, Vorukh as a Tajik-dwelling estate was included with the Isfara district of Khujand province of Samarkand region. it was considered inseparable and on the basis of official documents imported into Soviet Tajikistan in September 1929, 1932 the final border map of the former republics was prepared and approved, which is irrefutable evidence of the borders of the two states.

The conflict and misunderstandings caused by the Kyrgyz side are causing discontent, discomfort, and regular unrest in society. However, this neighboring country commits crimes and treason every time and violates the customs of neighborliness.

This situation forces us all to be more alert than ever. Our union and society must remain strong.

As the expert, Abdullahi Rahnamo points out in his article: «every citizen of the country should know it correctly and have full confidence in the correctness of his and his country’s position on these simple points based on strong documents and evidence. In particular, he should be confident that: The mentioned 211,000 hectares of land belong to Tajikistan from a historical and legal point of view; Tajikistan has no claim to any part of the legal territory of neighboring Kyrgyzstan; Tajikistan has no claim to any part of the legal territory of neighboring Kyrgyzstan; Tajikistan only wants to return its legal lands, which are currently in the possession of the neighboring country; The Kyrgyz side refuses to return its usurped lands and wants to officially include them in its territory; In this conflict, Tajikistan is not the «aggressor country», but rather the injured and lost party; In this conflict, truth, and justice are completely on the side of Tajikistan; The determination and position of the state and the leadership of the country in this matter meets the national interests of Tajikistan”.

It is necessary for the people of the country always to think about protecting every piece of land of our dear Motherland. Especially, we -the youth, should feel the complexity of the situation in the modern world and fight to eliminate all external and internal threats and dangers that threaten national and state security and the stability of society.

Every self-respecting citizen and all the people of Tajikistan should know that the right is on our side in border disputes and our country wants the right to reach the rightful. In order to understand this truth, every citizen of Tajikistan should make efforts and contribute to the protection of their borders and land.

**Khayrieva Zarrina,**
**the third year student of**
**the Faculty of International**
**Management and Marketing**

# ҒАМХОРӢ БА ЯТИМОНУ МАЪЮБОН

Раёсати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар доираи дастгирию ғамхориҳои ҳамешагии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон чиҳати дастгирии иҷтимоиву молиявии донишҷӯёни ятиму маъюб ва камбизоат пайваста ғамхорӣ зоҳир менамояд.

Дар натиҷаи таҳлили вазъи иҷтимоии донишҷӯён аз ҷониби Шуъбаи масоили иҷтимоӣ маълум гардид, ки соли 2022 дар донишгоҳ 18-нафар донишҷӯи ятиму маъюб, аз ин миқдор 9-нафар ятими кулл ва 9-нафар донишҷӯи маъюб таҳсил мекунанд. Инчунин, 312-нафар донишҷӯи нимятим ва камбизоат дар шуъбаи масоили иҷтимоӣ ба қайд гирифта шудаанд. Бояд зикр намуд, ки 9-нафар донишҷӯи ятими



кулл ба таври ройгон ва аз 9-нафар донишҷӯи маъюб, 8-нафар ба тариқи ройгон таҳсил менамоянд, ки онҳо ба идрорпулӣ таъмин ҳастанд.

Вазъи иҷтимоии онҳо ҳеҷ гоҳ аз мадди назари раёсати донишгоҳ дур намемонад ва дар як сол 2-маротиба вобаста ба фаслҳои сол ба ин гурӯҳи донишҷӯён барои харидории сару либоси мавсимӣ кумаки молию пулӣ мерасонад.

Бояд гуфт, ки ҳамаи масъалаҳои иҷтимоӣ дар якҷоягӣ бо раёсати донишгоҳ, факултетҳо, Иттифоқи касаба баррасӣ шуда, сипас аз ҷониби шуъбаи масоили иҷтимоӣ ба Шӯрои олимон пешниҳод кардашуда, дар асоси қарори Шӯрои олимон фармоиши ректор ба тасвиб мерасад.

Чунончи, бахшида ба таҷлили Наврӯзи байналмилалӣ-2022 барои харидории сару либоси баҳорӣ ба 7-нафар донишҷӯи ятими кулл 500-сомонӣ (дар умум 3500 сомонӣ), ва ба 10-нафар донишҷӯи маъюб 500-сомонӣ (дар умум 5000 сомонӣ) кумакпулӣ тақдим гардид.

Раёсати донишгоҳ минбаъд низ дастгирию ғамхориро нисбати ин қишри ҷомеа, яъне ятимону маъюбон ва ашхоси камбизоат идома дода, намегузорад, ки онҳо худро бекасу нотавон эҳсос кунанд.

**Анушабону НАЗАРОВА,**
**мутахассиси пешбари**
**шуъбаи равобити хориҷӣ**

# ДАСТОВАРДҲОИ СОЛИ СИПАРИШУДА

**Ҳайати омӯзгорону хонандагони литсейи инноватсионии “Душанбе” соли 2022-ро бо натиҷаҳои хурсандибахш ҷамъбаст намуданд ва дар назди хеш мақсад гузоштанд, ки дар Соли нави 2023 низ дастовардҳояшонро боз ҳам афзунтар мегардонанд.**

Моҳи майи соли ҷорӣ дар даври ноҳиявии озмуни “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” гузаронида шуд. Дар он ду нафар хонандаи литсейи инноватсионии “Душанбе” иштирок намуда, хонандаи синфи 10 “б” Гулбарги Камолиддин дар номинатсияи “Осори адабиёти муосир” сазовори ҷойи 1-ум ва “Шоҳҷоиза”, хонандаи синфи 8 “в” Фарҳунда Шарипова дар номинатсияи “Адабиёти бачагона” сазовори ҷойи 3-юм гардида, ба даври шаҳрӣ роҳ ёфтанд.

***

Хонандагони литсей Маҳмудҷон Ризоев синфи 9 «а» дар даври дуюми озмуни шаҳрии «Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм» дар номинатсияи радиоэлектроника, ҷойи 1-ум, Мирмуҳсин Фахриддинов хонандаи синфи 9 «а» дар номинатсияи сайёҳӣ – кишваршиносӣ, ҷойи 1-ум, Амирҷон Сатторов хонандаи синфи 9 «а» дар номинатсияи барномасозӣ, ҷойи 2-юмро ишғол карданд.

***

Хонандагони литсей Маҳмудҷон Ризоев дар даври шаҳрии озмуни зиркгардида дар номинатсияи радиоэлектроника ва Амирҷон Сатторов дар номинатсияи барномасозӣ сазовори ҷойи 1-ум гардиданд.

***

Бахтиёри Хайриддин, хонандаи синфи 8 «е» дар озмуни «Илм – фурӯғи маърифат» дар номинатсияи биология, Лайлӣ Валиева, хонандаи синфи 8 «в» дар номинатсияи география, Ризоев Маҳмудҷон хонандаи синфи 9 «а» дар номинатсияи Ихтироъкорӣ ва навоварӣ ҷойҳои намоёнро сазовор гардиданд ва аз ҷониби Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо мукофотпулӣ сарфароз гардонида шуданд. Маҳмудҷон Ризоев хонандаи синфи 9 “а” ғолиби даври сеюми озмуни «Илм - фурӯғи маърифат» дар номинатсияи “Ихтироъкорӣ ва навоварӣ” гардида, бо Дипломи ҷойи сеюм ва мукофотпулӣ сарфароз гардонида шуд.

***

Хонандаи синфи 10, Мамлакат Ризоева дар озмуни шаҳрии «Забон донӣ —ҷаҳон донӣ» сазовори ҷойи дуюм гардид.

***

Рӯзҳои 17-ум ва 18-уми май дар Маркази рушди истеъдодҳои шаҳри Душанбе озмуни “Ҳафтаи илм, инноватсия ва ихтироъкорӣ” гузаронида шуд, ки дар он хонандаи синфи 9 “а” А. Ғашов, Гулбарги Камолиддин хонандаи синфи 9 “б”, Абдусатторова Суғдиёна ва Парвона Набиева хонандагони синфи 10 “б”, Асророва Нозия хонандаи синфи 10 “б” сазовори ҷойи 1-ум, 9 нафар хонандаи литсей сазовори ҷойи 2-юм, 10 нафар ҷойи 3-юм, 2 нафар ҷойи ифтихориро сазовор гардиданд.

***

Дар озмуни “ Ихтироъкорон - 2022” ва “ Лоиҳаҳои инноватсионӣ”, ки аз тарафи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ташкил карда шуд, хонандагон Маҳмудҷон Ризоев барои «Асбоби худистехсолкунандаи кувваи барк»- ҷойи 1-ум, Амирҷон Сатторов барои “Сохтани сайти литсей” ҷойи 2-юм, М. Амрихудоев барои ихтирои “Лулабарори экологӣ” ҷойи 3-юм, М. Фахриддинов барои “Харитаи сайёҳӣ (электрикӣ)” ҷойи 3-юмро соҳиб гардида, аз ҷониби ректори ДТТ Амонзода Илхом Темур бо ифтихорнома ва мукофоти пулӣ қадрдонӣ карда шуданд.

Яке аз шаклхои корхои беруназсинфӣ гузаронидани озмунҳои гуногун мебошад, ки ба ин масъала дар литсей диққати зарурӣ дода мешавад.

Соли ҷорӣ дар даври ҷумҳуриявӣ 13 нафар хонандаи литсей аз фанҳои забони русӣ, забони хориҷӣ, забони давлатӣ, ҳуқуқ, таърихи халқи тоҷик, география, математика, химия, биология ҷойҳои намоёнро ишғол намуданд. Ғолибони озмунҳои фаннӣ бо ифтихорнома ва мукофоти пулӣ сарфароз гардонида шуданд.

Ҳамчунин барои дастовардҳои назарраси хонандагон дар соли хониши 2021-2022 ба директори литсей М. Анваров ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд.

***

Инчунин дар олимпиадаи ноҳиявӣ аз фанни забони англисӣ «Spelleng Bee» хонандаи синфи 5 «а» Назокат Зоирова сазовори ҷойи дуюм ва хонандаи синфи 6 «б» Абулқосим Иброҳимов сазовори ҷойи сеюм гардиданд.

***

Хонандагони литсей дар олимпиадаҳои байналмилалӣ ва фосилавӣ натиҷаҳои беҳтаринро ба даст оварданд. Дар олимпиадаи байналмилалӣ аз фанни математика «Кенгуру» 8 нафар соҳиби медали тилло, 19 нафар медали нукра ва 23 нафар сазовори медали биринҷӣ гардиданд.

Натиҷаи олимпиада (ба тарики онлайн) аз фанҳои математика, забони русӣ ва забони англисӣ чунин аст: ҷойи 1-ум 8 нафар, ҷойи 2-юм 9 нафар, ҷойи 3-юм 38 нафар.

Боиси хурсандист, ки чор нафар хонанда: Сабринаи Абдурасул синфи 7, Парвона Набиева синфи 10, Румайсо Шарипова синфи 8 ва Саидбекзода Ганҷур синфи 9 ғолиби озмуни гирандаи “Стипендияи Президентӣ” дар соли таҳсили 2022-2023 гардиданд.

***

Дастовардҳои хонандагони литсей дар соҳаи варзиш низ назаррасанд. Соли ҷорӣ ду нафар хонандаи литсей-Муҳаммадҷони Одил синфи 9 “в” ва Анушервони Одил синфи 11 “б” дар шаҳри Сочии Федератсияи Россия дар намуди “Unifayt” ҷойҳои 1-ум ва 2-юмро ишғол намуданд.

**Г. АҶИҶИМИЛ,**
**ҷонишини директори литсейи инноватсионии “Душанбе”оид ба таълим,**
**Р. Хайлоева, омӯзгори ҳамин литсей**

# ИНОСТРАННЫЕ ЯЗЫКИ И ПОВЫШЕНИЕ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ БУДУЩИХ СПЕЦИАЛИСТОВ

В современном обществе изучение иностранных языков является одним из важнейших аспектов жизни. Иностранный язык дает возможность знакомства с культурой и традициями других стран, способствует развитию мышления, воображения и памяти. Его знание необходимо для эффективного взаимодействия государств друг с другом во многих сферах жизни (науке, политике, культуре, искусстве и т.д.). Одной из условий профессиональной компетенции в настоящее время является владение иностранными языками. Сейчас в мире наблюдается процесс глобализации – возникновения гибридной мировой культуры, смешения национальных традиций, усиления сотрудничества между странами.

Мировая глобализация и интеграция экономики привели к бурному росту межкультурных контактов. Открылись новые возможности для роста и развития человека во всех сферах его жизнедеятельности.

К факторам, которые обуславливают изучение иностранных языков можно отнести следующее:

- работа – знание иностранного языка поможет найти более перспективную работу, получить повышение по службе, отправиться в командировку в другую страну и т. д.;
- наука – без знания учеными иностранных языков невозможно ознакомление с зарубежными источниками и взаимодействие с иностранными коллегами;
- учеба – для обучения в других странах и изучения их культуры и искусства;
- эмиграция;
- путешествия;
- личные мотивы – интернациональные браки, общение с друзьями-иностранцами, хобби.

О важности изучения иностранных языков в своем выступлении отметил Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон на торжественном открытии нового корпуса Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода 27 сентября 2022 года.

В своем выступлении Лидер нации Эмомали Рахмон отметил, что в период независимости Правительство страны, поэтапно открывая тысячи новых образовательных учреждений, создало такую атмосферу, что в них сегодня получают образование десятки и сотни тысяч студентов и учащихся.

Плодом этого является то, что сегодня среди нашей молодежи становится все больше людей, владеющих не только двумя языками, но и тремя, четырьмя и даже пятью, они показывают хорошие знания и умения в различных международных конкурсах.

Согласно анализу, из общего числа более 40000 студентов, обучающихся в настоящее время за границей, около 1200 из них занимаются изучением иностранных языков.

Невозможно достигнуть успеха в любой области без качественного развития и постоянной практики. Что касается современной науки, важно, чтобы наши специалисты были, во-первых, в курсе развития мировой науки и техники и не тратили силы и средства на создание того, что уже существует в других странах, и, во-вторых, использовали в развитии нашей экономики все ценное и передовое в мировой науке и технике с наименьшими затратами. А чтобы быть в курсе последних разработок из мира науки и техники, необходимо уметь читать статьи на языке оригинала.

Ко всем преподавателям вузов: ассистентам, преподавателям, старшим преподавателям, кандидатам наук, доцентам, докторам наук и профессорам, предъявляются серьёзные требования по части публикаций. Большинство актуальных научных статей, монографий, учебников и разработок появляются в печати на английском языке или их переведённый вариант предоставляются студентам и аспирантам. Для научных сотрудников и тех, кто углубляет свои знания в какой-либо конкретной дисциплине, необходимо быть всегда в курсе передовых достижений науки и техники. Следовательно, нужно уметь читать и искать информацию на иностранном языке. Для того, чтобы общаться с коллегами и обмениваться достижениями науки и техники, ездить на конференции и симпозиумы, получать гранты нужно иметь и разговорные навыки.

Сегодня знание иностранных языков необходимо работникам всех структур и органов власти, в том числе и предпринимателям.

В настоящее время для трудоустройства будущему специалисту не достаточно знать свою специальность. Одним из важных и конкурентоспособных преимуществ является владение иностранными языками. Поэтому последнее время молодежь страны все больше уделяет внимание изучению иностранных языков, тем самым открывая новые возможности и перспективы для своего развития.

Принимая во внимание то, что развитие науки и образования является одним из приоритетных направлений социальной политики государства, Правительство страны, наряду с обеспечением экономического развития страны, осуществляет все необходимые меры для приведения сферы образования в соответствие с требованиями современного мира. Следовательно, чтобы быть конкурентоспособным специалистом в условиях динамично развивающегося мира необходимо владеть тремя и более иностранными языками.

**ТОШМАТОВА З.М.,**
**старший преподаватель кафедры «Экономики и управления»**

# ТАТБИҚИ БАРНОМАИ ДАВЛАТИИ РУШДИ САНОАТИ САБУК ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ КИШВАР

Бе рушди истеҳсолоти саноатӣ сатҳи иқтисодиёти миллиро баланд бардоштан ғайри имкон аст.

Саноати сабук яке аз соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти мамлакат буда, қабули санадҳои муҳим оид ба рушду афзоиши соҳа заминаи босазо дар инкишофи минбаъдаи он гардидааст.

Мавҷудияти ашёи хоми ватанӣ, захираҳои калони меҳнатӣ, таҷдиду васеъгардонии истеҳсолоти мавҷуда ва таъсиси корхонаҳои нав саноати сабукро барои сармоягузорон ҷолиб ва диққатҷалбкунанда намудааст.

Бо дастгириҳои пайваста ва дустуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳа сол то сол инкишоф ёфта, суръати афзоиш ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот мунтазам баланд гардида истодааст.

Дар саноати сабук соҳаҳои нассоҷӣ, ки ба худ истеҳсолоти ресандагӣ, бофандӣ ва рангу пардоздиҳиро дар бар мегирад, соҳаи дӯзандагӣ, коркарди пӯст, истеҳсоли чарм ва пойафзол, қолинбофӣ, мебелбарорӣ, истеҳсоли пилла ва коркарди саноатии он бо истеҳсоли риштаи абрешим ва матоъҳои атлас ва боз дигар соҳаҳо аз қабили истеҳсоли адрас, қолинҳои дастӣ, чакандӯзӣ ва дар маҷмӯъ ҳунарҳои бадеии мардумӣ ворид мегардад.

Имрӯзҳо, дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ба шарофати роҳбарии хирадмандонаи Президенти маҳбуби кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати мамлакат мардуми шарафманди мо ба кору фаъолияти созандагӣ машғул буда, зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсолот, бахусус коркарди саноатии ашёи хоми маҳаллӣ ва дар маҷмӯъ рӯ ба беҳбудӣ овардани тамоми паҳлуҳои иқтисодиёти кишвар назаррас мегардад.

Қобили қайд аст, ки барои ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ фазои хуби солим дар кишвар фароҳам оварда шуда, як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати додани имтиёзҳо бахри рушди соҳаи саноат, бахусус соҳаи коркарди нахи пахта қабул гардидааст.

Бо мақсади ҳарчи бештар коркард намудани нахи пахтаи дар ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба баъзе қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи меъёрҳои (ставкаҳои) боҷҳои гумрукии содиротӣ» ҷораи саривақтӣ ва дастгирии корхонаҳои соҳаи ресандагӣ гардид. Ҳисоб ва пардохти андоз аз фурӯши нахи пахта бекор карда шуда, бар ивази он боҷи содиротӣ барои нахи пахта ба андозаи 10 % муқаррар карда шуд, ки чунин тадбир ба болоравии иқтидори истеҳсолӣ, муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ, барқарорсозии ҷойҳои кории аз фаъолият бозмонда ва зиёд гардидани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир мусоидат намуд.

Соли 2018 бо мақсади дастгирии корхонаҳои соҳа, ки ба коркарди пурраи нахи пахта машғул мебошанд, бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳо ворид гардид. Аз ҷумла, дар моддаи 313-и он барои корхонаҳои амалкунанда, ки ба коркарди пурраи нахи пахта машғул мешаванд, барои сохтани марҳилаҳои навбатӣ имтиёзҳои андозӣ пешбинӣ шуда, аз 6 намуди андозҳои асосӣ озод карда мешаванд. Ҳамчунин фурӯши (таҳвили) либосҳои мактабӣ аз андоз аз арзиши иловашуда ва воридоти фурнитура барои истеҳсоли либосҳои мактабӣ аз боҷи воридотӣ ва аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда шудаанд, ки ин дар самти дастгирии корхонаҳои соҳа нақши муҳим мебозад.

Бо мақсади рушди соҳаи кирмакпарварӣ ва коркарди пилла ва рушди соҳаи қолинбофӣ, таъсиси корхонаҳои нави истеҳсолӣ, истифодаи ҳарчӣ бештари ашёи хоми маҳаллӣ, ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ва дар ин асос муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми августи соли 2011 №409 «Барномаи соҳаи кирмакпараварӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020» ва «Барномаи рушди соҳаи қолинбофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020» аз 1 декабри соли 2014 қабул гардида, мавриди амал қарор доранд.

Давоми солҳои 2008 – 2012 баъд аз қабули Барномаи мазкур дар кишвар 1 корхонаи нави коркарди пурраи нахи пахта то маҳсулоти ниҳоӣ бо иқтидори 2500 танна нахи пахта, 6 корхонаи нави ресандагӣ бо иқтидори умумии коркарди 23400 тонна нахи пахта дар як сол ва 1 корхона бо иқтидори коркарди 4000 тонна нахи пахта дар як сол аз нав барқарор ва ба истифода дода шуд, аз ҷумла:

– дар ноҳияи Ёвон сикли аввали ресандагии ҶДММ «ХИМА-Текстил» бо иқтидори лоиҳавии коркарди 4000 тонна нахи пахта дар як сол, моҳи марти соли 2010 бо ҷалби 170 нафар шаҳрванди маҳаллӣ;

– дар шаҳри Хуҷанд моҳи июни соли 2009 аз ҷониби ҶММ «Нику-Хуҷанд» сикли аввали ресандагии коргоҳ оид ба коркарди нахи пахта бо иқтидори 2500 тонна дар як сол, ки дар натиҷа 167 нафар занону духтарони маҳаллӣ бо кори доимӣ таъмин гардидаанд;

– дар ҶММ «Спитамен-Текстайл» баъд аз баистифодадиҳии сикли аввал - ресандагӣ бо иқтидори коркарди 3500 тонна нахи пахта дар як сол барои шаҳрвандони маҳаллӣ ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуда, айни ҳол зиёда аз 120 нафар корманд ба коркарди нахи пахта ва истеҳсоли риштаи пахтагин машғул мебошад;

Сикли аввали корхонаи ресандагии ҶСП «Олим-Текстайл», ки моҳи марти соли 2011 бо иқтидори коркарди 6000 тонна нахи пахта дар як сол ба истифода дода шуд буд, айни ҳол бо ҷалби 450 нафар шаҳрванди маҳаллӣ дар 3 баст мунтазам фаъолият дорад.

ҶММ «Файзи Истиқлол-2011» (собиқ ҶММ «АЛМ»), воқеъ дар шаҳри Ҳисор, ки иқтидори лоиҳавии корхона 5000 тонна коркарди нахи пахта дар як сол мебошад, фаъолияти худро идома дода, зиёда аз 120 нафар занону духтарони маҳаллӣ ба кор ҷалб гардидаанд.

Корхонаҳои ресандагии калонтарин ба монанди ҶСП “Ҷунтай-Данғара Сен Силу Текстил” ноҳияи Данғара бо иқтидори 24500 тонна ресмон дар як сол дар соли 2018 12052 тонна маҳсулот истеҳсол намудааст, ҶММ “Ресандаи Тоҷикистон”-и шаҳри Хуҷанд бо иқтидори истеҳсолии 12000 тонна дар соли 2019 6000 тонна ресмонҳои пахтагин, ҶДММ “Файзи Истиқлол-2011” шаҳри Ҳисор бо иқтидори 4500 тонна дар соли 2018 2161 тонна, ҶММ “ХИМА-Текстил” ноҳияи Ёвон бо иқтидори истеҳсолии 2000 тонна ресмон дар соли 2018 1460 тонна, дар соли 2019 1752 тонна, ҶСП “Ресандаи Хатлон”-и ноҳияи Кӯшониён бо иқтидори 3000 тонна ресмон дар соли 2019 1500 тонна, ҶСК “ИИ Нассоҷии Тоҷик”-и шаҳри Душанбе бо иқтидори истеҳсолии 9000 тонна дар соли 2019 874 тонна, ҶДММ “Ресандаи Кӯлоб” бо иқтидори истеҳсолии 2000 тонна ресмон дар соли 2019 1500 тонна ресмон, ҶШСК “Ресандаи Қӯрғонтеппа”-и шаҳри Бохтар бо иқтидори истеҳсолии 1600 тонна ресмон дар соли 2019 70 тонна ресмон истеҳсол намудаанд. Яке аз сабабҳои дар амал татбиқ накардани иқтидори корхона, пеш аз ҳама нарасидани ашёи хом – нахи пахта мебошад. Иқтидори истеҳсолии зиёда аз 20 корхонаи ресандагии ҷумҳурӣ бояд ба 80900 тонна ресмон расонида шавад. Аммо, мутаассифона бинобар паст будани имкониятҳои бакордарории истеҳсолоти ресандагии бархе аз корхонаҳо ва дастрас карда натавонистани ашёи хом дар ҷумҳурӣ дар айни ҳол то 25 ҳазор тонна нахи пахта коркард карда мешавад.

Таҳлили омории ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки новобаста аз ҳаҷми захирашаванда ва коркардшавандаи ҳамасолаи ашёи хоми пахта дар корхонаҳои коркарди аввалаи пахта ва истеҳсоли нахи пахта, ҳаҷми истеҳсоли ресмонҳои пахтагин дар корхонаҳои ресмонресӣ зиёд шуда истодааст. Ин ҳам бошад аз зиёдшавии ҳаҷми таъмини корхонаҳои ресандагии кишвар бо нахи пахта ва истифодаи бештари иқтидорҳои истеҳсолии корхонаҳои ресандагӣ вобаста мебошад.

Дар моҳҳои январ–марти соли 2022 дар ҷумҳурӣ маҳсулоти саноати сабук ва пахта дар ҳаҷми 860,3 млн сомонӣ ва дар қиёс бо ҳамин давраи соли 2021 (613,6) 246,7 млн сомонӣ зиёд истеҳсол карда шудааст, аз ҷумла ресмонҳои пахтагин дар се моҳи аввали соли 2022 5772 тонна, газворҳои пахтагин 4074,5 метри мураббаъро ташкил медиҳанд.

Яке аз мушкилоти умумии барои ҳамаи соҳаҳои саноати сабук хос ин дастрас набудани қарзҳои имтиёзнок бо фоизи паст (6-8%- и солона) ба корхонаҳои соҳа мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бинобар сабаби дар даҳсолаҳои охир дар вилояти Хатлон таъсис додан ва ба кор даровардани корхонаҳои ресандагӣ ҳаҷми истеҳсоли ресмон зиёд шудааст. Аз ҳаҷми умумии нахи пахтаи дар ҷумҳурӣ истеҳсолнамуда дар даҳсолаҳои охир то 7-8%-и нахи пахта дар дохили ҷумҳурӣ коркард карда мешуданд. Аз соли 2018 инҷониб бинобар зина ба зина ба кор даромадани маҷмӯи истеҳсолии саноати сабук дар н. Данғара ҶММ “Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстайл” ва ба кор даровардани дигар корхонаҳои ресандагӣ дар вилояти Хатлон ва Суғд ҳаҷми коркарди нахи пахта ба 22% ва зиёда аз ин расонида шудааст.

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз соли 2014 инҷониб аз рӯи 11 ихтисоси соҳаи саноати сабук ва нассоҷӣ мутахассисони зинаи бакалавриат ва магистрантҳоро омода менамояд. Дар ин муддат бо зиёда аз 20 корхонаи саноатии дар ш. Душанбе воқеъбуда (Агентии “Тоҷикстандарт”, ҶММ “ИИ Нассоҷӣ тоҷик”, КВД “Гулистони Душанбе”, КВД “Гулдастон”, ҶММ “Инсофт”, ҶММ “Фасонак”, ҶММ “Сифат-Саноат”, ҶММ “Тоҷтекс”, ҶММ “Ёқут-2000”), инчунин дар ш.Ҳисор ҶММ “Файзи Истиқлол 2011”, н. Рӯдакӣ ҶДММ “Ҳосилот”, ш. Турсунзода ҶММ “Утоган-КА”, н. Ёвон ҶММ “Рамз” -и Аминҷон”, ҶММ “НФС НТР Катон, собиқ ЕКОМ”, ҶММ “ХИМА-Текстил”, ҶММ “Ваҳдат-Текстил”, ш. Бохтар ҶММ “КОТА-Глобал”, дар асоси мактуб бо ҶММ “Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил”, ҶММ “Водии Заррин” н. Хуросон, ш. Истаравшан ҶММ “НОҲИД” ва филиали он дар ш. Душанбе ҳамкориҳои дутарафаро бо роҳ монда бо онҳо шартномаҳо оид ба гузаронидани таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ, истеҳсолӣ ва пеш аз рисолаи хатмро бастааст, ки ҳамасола амалӣ шуда истодаанд.

Дар бист соли охир рушди миёнасолонаи иқтисодиёт дар сатҳи 7,5 фоиз таъмин гардида, маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакат аз 1,8 миллиард сомонии соли 2000-ум то 95 миллиард сомонӣ дар соли 2021 ва даромади буҷети давлатӣ аз 252 миллион сомонӣ ба 28 миллиард сомонӣ расонда шуд. Яъне, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ қариб 53 баробар ва буҷети давлатӣ 111 баробар зиёд гардида, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар нафар аҳолӣ беш аз 30 баробар афзоиш ёфт.

Дар ин давра дар кишвар зиёда аз 2000 корхонаи истеҳсолӣ бунёд гардида, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба солҳои аввали соҳибистиқлолӣ қариб чор баробар афзоиш пайдо кард.

Бо вуҷуди корҳои дар ҳамаи самтҳои рушди мамлакат анҷомдодашуда ва муваффақиятҳои бадастомада, ҳамчунин, ҷиҳати ҳалли пурраи мушкилоти мавҷуда Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки минбаъд низ ба масъалаҳои баланд бардоштани гуногунсамтиву рақобатнокии иқтисоди миллӣ, густариши раванди рақамикунонии иқтисод, татбиқи “иқтисоди сабз”, саноатикунонии босуръат, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва рушди неруи инсонӣ афзалият дода, дар ин замина, рушди устувору сифатноки иқтисоди миллиро таъмин намояд. Аз ҷумла, дар панҷ соли минбаъда рушди миёнасолонаи иқтисодиёт дар сатҳи на кам аз 7,0 % ва ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар нафар аҳолӣ, бо дарназардошти то 11 миллион нафар афзоиш ёфтани шумораи сокинони кишвар, бояд то ду баробар зиёд карда шавад.

Инчунин, зиёда аз 870 корхонаи саноатӣ таъсис дода, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 95 миллиард сомонӣ расонда, содироти он ду баробар афзоиш дода шавад. Ҳиссаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар ба 26% расонда, дар ин раванд гуногунсамтии истеҳсолоти саноатӣ таъмин карда шавад.

Бинобар аҳаммияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла раванди саноатикунонии босуръати кишвар, пешниҳод карда шуд, ки солҳои 2022-2026, яъне то Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон, “Солҳои рушди саноат” эълон карда шаванд. Дар ин давра бояд беш аз 500 ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис ёфта, даромади пулии аҳолӣ беш аз 22 баробар зиёд гардад ва ҳиссаи табақаи миёнаи аҳолӣ ба 45 % расонда, дар натиҷа, сатҳи камбизоатӣ то 15 % нисбат ба 26 %-и соли 2019 коҳиш дода шавад.

Ҳамин тавр, тазаккур додан бамаврид аст, ки дар ҷумҳурӣ фазои ороми фаъолияти соҳибкорӣ, истифодаи пурраи иқтидорҳои технологию истеҳсолӣ, ҷустуҷӯи сармояи мустақим, фаъолияти дастаҷамъонаи соҳибкорон дар асоси дастуру супоришҳои Роҳбари давлат, сараввал ёфтани бозори фурӯши маҳсулоти тайёри соҳа, ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда, сол ба сол зиёд истеҳсол намудани маҳсулоти рақобатпазир, ҷавобгӯ будан ба талаботи стандартҳои байнидавлатӣ, байналмилалӣ ва ба содирот равонашуда шароит фароҳам оварда шудааст. Ин пурра имконият медиҳад, ки Барномаи давлатии коркарди пурраи нахи пахта дар дохили ҷумҳурӣ иҷро гардад, ашёи хоми пахта бо сифати баланд коркард шуда, нахи ҳосилшуда дар корхонаҳои ресандагӣ ба ресмон табдил дода шуда, дар корхонаҳои нассоҷӣ матоъ бофта шуда, аз раванди рангу пардоз гузашта ва маҳсулоти охирин ба истеҳсолоти дӯзандагӣ ворид шуда, тибқи фармоиши истеъмолкунандагон ба маҳсулоти ниҳоӣ расонида шавад.

**Х. ИБРОГИМОВ,**
**доктори илмҳои техникӣ, профессор, декани факултети технология ва дизайни ДТТ**






Ансамбли “Зуҳал”-и Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ки асосан аз ҳисоби донишҷӯёни санъатдӯст ва маҳорату малакаи хуби сарояндагию навозандагӣ ва ҳаҷвнигориву раққосагидошта мураттаб гардидааст, дар боз ҳам хубтару беҳтар гардонидани чорабиниҳои фарҳангиву фароғатии на танҳо донишгоҳ, балки берун аз он низ саҳми арзанда дошта, бо суруду таронаҳои дилнишин ва рақсҳои ҷаззоб хотири бинандагонро шод мегардонанд.

11-уми январи соли ҷорӣ дар толори асосии донишгоҳ консерти ҳисоботии ансамбли зикргардида баргузор гардид. Консерт аз суруду таронаҳои ба васфи Ватану ватандӯстӣ, Модар, Истиқлолият ва рақсҳои гуногуни ҷаззоб иборат буда, табъи аҳли толорро шод гардониданд.

Дар хотимаи консерти ҳисоботӣ ба аъзои ансамбли “Зуҳал” ифтихорномаҳои донишгоҳ тақдим карда шуданд.

**Л. Набиев, мудири шуъбаи тарғиботию фарҳангии ДТТ**

**Маъруфтарин олимони таърихи башарият**

## ЧАРЛЗ ДАРВИН

Чарлз Дарвин дар хонаводаи дворянини муваффақ дар Англия таваллуд шудааст. Бобояш табиатшиноси маъруф ва ходими намоёни илм буд. Падараш ба тиб сару кор дошт.

Чарлзи наврас шуғли аҷдодиро идома дод ва дар риштаи тиб таҳсил намуд, вале зуд пай бурд, ки ҷарроҳ шудан барояш чандон мароқангез нест. Бинобар ин, таҳсилро дар Донишгоҳи Кембриҷ давом дода, факултаи фиқҳи онро хатм намуд. Ӯро яке аз мураббиёнаш ҳамчун



табиатшинос ба сайри олам ҳамроҳ гирифт. Олим мавҷудоти баҳрӣ, хусусиятҳои ландшафтиро омӯхта, ёддошт мекард. Вай аз соҳилҳои Бразилия, Аргентина ва Тасмания дидан намуд.

Пас аз бозгашт Дарвин мушоҳидаҳояшро ҷамъ оварда ва китобе ба нашр расонд.

Дастовардҳои Чарлз Дарвин интихоби табиӣ ҳамчун қувваи асосии эволютсияи мавҷудоти зинда, гипотезаи пайдоиши инсон аз маймун, таъсири муҳити зист ба инкишофи ҷинсҳо, саҳм дар рушди генетика мебошанд.

**Таҳияи Раҷабалӣ Исматуллоев**

## БОИМҶОН ХУМОРИ СИГОРРО МЕШИКАНАД



Дар таркиби як килограмм боимҷон 100 микрограмм никотин мавҷуд буда, ба бадан зарар надорад. Боимҷон барои тарки сигоркашӣ ёрӣ мерасонад. Ба андешаи табибон, консентратсияи никотини таркиби боимҷон барои бартараф сохтани хумори сигор ва тарки он одат мусоидат мекунад.

Бояд гуфт, ки миқдори никотини як сигор ба миқдори никотини таркиби 10 килограмм боимҷон баробар аст.

**Таҳияи Муҳаммадраҷаб Бердиёров**

***Сербинандатарин мавзеъҳои сайёҳӣ***

## ЛУВР

**(Париж, Фаронса)**

Вақте ки Лувр дар асри XII сохта мешуд, он ба сифати қалъа пешбинӣ гардида буд ва танҳо баъдтар дарбори шоҳӣ шуд. Замоне ки фаронсавиҳо шоҳаншоҳиро сарнагун сохта,



ҷумҳурӣ таъсис доданд, Лувр ба яке аз осорхонаҳои калонтарин дар ҷаҳон табдил ёфт. Имрӯз он яке аз ҷойҳои шоёни диққати Париж ва сербинандатарин осорхонаи Аврупо мебошад. Аз толорҳои он дар як сол 10 миллион нафар дидан мекунанд. Дар Лувр беш аз 380 ҳазор ёдгорӣ маҳфуз аст, ки аз ин шумора танҳо 35 ҳазор ба намоиш гузошта шудааст. Тамошобини илмдӯст, метавонад дар ин ҷо бо таърихи ташаккули тамаддуни инсоният аз давраҳои аввали таърихӣ то рӯзҳои мо шинос шавад. Майдони намоиши Лувр ҳудуди 16 гектарро дар бар мегирад (ин сеюмин осорхона аз рӯи масоҳат мебошад). Бинобар ин, барои ҳатто рӯякӣ шинос шудан бо шоҳкориҳои беҳисоб, ки на танҳо да Аврупо, балки дар Африко, Шарқи Наздик ва дигар гӯшаҳои сайёра сохта шудаанд, якчанд рӯз ҳам, басанда нест.

**Таҳияи Ш. Қурбон**

## “НАПОЛЕОНИ ТОҶИК”

Рӯзноманигори англис, шоҳиди ҳаводиси муқовимати Аҳмадшоҳи Масъуд дар солҳои 80 – уми асри XX ба рағми ИҶШС Санди Галл китобе навишт бо унвони “Наполеони афғон”. Қаҳрамони марказии асар – Қаҳрамони миллии Афғонистон шаҳид Аҳмадшоҳи Масъуд аст.

Асар бо сабаби таваҷҷуҳи ҷаҳон ба ҳаводиси имрӯзи Афғонистон зуд бозори фурӯши китобро пахш кард, ба муаллиф шуҳрату ном ҳам, овард. Аммо тоҷикони дунё аз Санди Галл тавассути номаҳои дастаҷамъӣ, наворҳои видеоӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ талаб карданд, ки номи китоб ба “Наполеони тоҷик” иваз карда шавад. Афғон ном миллате дар Афғонистон нест. Чунин вокуниши ҳамагонӣ Сандиро водошт, то номи китобро иваз ва китобҳои бо номи аввалӣ чопшударо аз бозори фурӯш барчинад.

**Таҳияи Бузургмеҳри Баҳодур**

## ДОНИСТАН ХУБ АСТ!

Дар Мисри қадим як ҳафта аз 10 рӯз иборат буд.

***

Аввалин зане, ки унвони табибро гирифтааст, сокини Амрико Элизабет Блэкуэлл мебошад.

***

Аввалин амалиёти пайванди ҷигарро Томас Старзл соли 1967 анҷом додааст.

***

Инсон то охири умр 150 триллион Бит ахборро дар майнаи сар нигоҳ медорад.

***

Сохтори ДНК соли 1953 аз тарафи Фрэнсис Крик ва Чеймс Уотсон кашф шудааст.

***

Доруи пенисилинро табиб ва бактериолог Александр Флеминг кашф кардааст.

***

Дар Бразилия Колоко ном парандаи хурде аст, ки овозаш аз 2 километр дурӣ шунида мешавад.

***

Аввалин ҳавопаймои лимузини фаронсавии “Bleriot” соли 1911 ба фурӯш баромад.

***

Тахминан 50 фисади аҳолии ҷаҳон боре ҳам барфро надидааст.

***

Табибон то соли 1800 халати сафед намепушиданд.

***

Ҳавосанҷро Галилео Галилей ихтироъ кард.

***

Бо як қалами одӣ то дарозии 56 километр хат кашидан ва ё тақрибан 50 ҳазор калима навиштан мумкин аст.

***

Ихтироъкори микровалновка (хӯрокгармкунак) барои ин ихтирояш ҳамагӣ ду доллар ба даст овардааст.

***

Майнаи сар дардро ҳис намекунад.

***

Вақте шахс ошиқ мешавад, фаъолияти майнаи сар тағйир меёбад.

***

Бино ба таъкиди табибон мардони оиладор камтар бемор мешаванд.

***

Имрӯзҳо инсонҳо дар як рӯз ба телефони худ тахминан 150 маротиба нигоҳ мекунанд.

***

Дар Африко аз 40 нафар танҳо як нафар дорои телефони мобилист.

***

Вақте ки помидор бори аввал дар Аврупо пайдо шуд, аврупоиҳо аз хӯрдани он метарсиданд.

***

Парчами муосири Амрико коро як хонандаи мактаби миёна таҳия кардааст.

Фановар
Рӯзнома бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп мешавад.
САРМУҲАРРИР: Раҷабалӣ ШАРИФОВ
МУАССИС: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
Ҳайати таҳририя:
Амонзода И.Т., Тошматов М.Н., Ғаффоров А.А., Бобоев Х.Б., Ғаффоров Ф.М., Абдумуминзода С.
Нишонии мо:
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3
Рӯзнома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба уҳда намегирад.
Рӯзнома 25 октябри соли 2020 таҳти № 224/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта шудааст.
Рӯзнома дар ҶДММ «Мега-принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Адади нашр 1574 нусха